**ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Барои истифодаи хизматӣ**

# ШИОРҲО
# АЗ ПАЁМУ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОБИ НАВРӮЗ

**Душанбе**
**2018**

**ББК 67.400.5**

**Шиорҳо аз Паём ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар боби Наврӯз** – Душанбе, 2017, 50 саҳ.

Муҳаррир:
**Қиёмиддин Сатторӣ**

Дар ин маҷмӯа шиорҳо аз Паём ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби ҷашни бостонии Наврӯз гирд оварда шудаанд. Маҷмӯа ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз таҳия шуда, барои истифодаи хизматӣ пешниҳод мегардад.

**Эзоҳ:** ***Ҳангоми интихоби матни шиор ба ҷойи насб ва тарзи навишти он диққат дода шавад.***

**ISBN 978-99975-50-33-0**

# ДАР БОБИ НАВРӮЗ

Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи тамаддунсози ниёгони мо пайванди азалӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ва расму ойинҳои он рамзҳое доранд, ки аз замонҳои бостонӣ то имрӯз рӯзгори мардуми фарҳангиву ободгар ва инсондӯсту таҳаммулгарои моро ҳамроҳӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз табиат эҳё мегардад, инсон неруи нав мегирад, дилу андешаҳо ба ҳам меоянд, одамон амалҳои саховату накӯкорӣ ва хайру савобро ба ҷо оварда, ба ҳамдигар шодиву сурур мебахшанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҷаҳонафрӯз аз муборактарин ҷашнҳои миллии тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башардӯстона: дӯстиву ҳамкорӣ, созандагиву ободкорӣ, инсондӯстиву хайрхоҳӣ ва шукргузорӣ аз зебоиву неъматҳои табиат мардумро гирди ҳам меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҳамчун ҷашни зодрӯзи Хуршеди ховарон, ки ҳамеша барои ҳамагон ва дар ҳама ҷо нуру гармӣ мебахшад, сарвати ҷумла фарзандони Одам аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар шароити вазъи ҷаҳони муосир ҷашни Наврӯз метавонад ҳамчун ойини сулҳу оромӣ ва ҳамкориву дӯстӣ барои мардумони олам хизмат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз рамзҳои наврӯзӣ тозаву озода кардани хонаву манзили зист, кӯчаву хиёбон ва шинонидани ниҳолу коштани донаи умед мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо бояд аз ҳамаи имкониятҳо самаранок истифода барем ва пойтахти азизамон зебошаҳри Душанберо ба идгоҳу наврӯзгоҳи воқеӣ табдил диҳем.

Эмомалӣ Раҳмон

Тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизамонро ба фаро расидани Наврӯз табрик намуда, ба ҳар яки шумо саломатӣ, хонаи обод, файзу баракати наврӯзӣ ва барори кор мехоҳам.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷашни Наврӯз, 21.03.2017, шаҳри Душанбе**

Ниёгони мо Наврӯзро ҳамчун суннати муқаддасу муборак аз насл ба насл мерос гузошта, бо ҳама рангорангию рӯҳи зиндагисозаш гиромӣ доштаанд ва барои пойдории он талош варзидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Расму ойинҳои Наврӯз дар заминаи тамаддуни қадимаи моддиву маънавии мардуми мо рушд ёфта, аҳли башарро ба сӯйи арзишҳои олӣ, камолоти ахлоқӣ ва маънавӣ ҳидоят менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми сарбаланди тоҷик аз қадим Наврӯзро бо маросимҳои густурда ҷашн гирифта, дар он беҳтарин ҳунару истеъдод ва хислатҳои неки инсониро ба намоиш мегузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо Наврӯзро ҳамчун ёдоварӣ аз фарҳанги пурғановати худ ва расму ойини зебои аҷдодӣ, ки рӯҳи поку созанда дорад, бо тантана ва шукӯҳ ҷашн мегирем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз суннати аёдати хешу табор ва аз аҳволи ниёзмандон бохабар шуда, онҳоро табрик намудан, дар фарҳанги мардуми мо ҷойгоҳи муҳим дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба ятимону маъюбон ва ниёзмандону оилаҳои камбизоат кумак кардан, Наврӯзро табрик гуфта, шод кардани дили онҳо, аз ҷумлаи амалҳои хайру савоб мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Беморону эҳтиёҷмандон, хусусан, дар айёми Наврӯз бештар ба меҳру муҳаббат ва кумак ниёз доранд. Аёдати онҳо барояшон умеди зиндагӣ мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш ёдрас мешавам, ки амалҳои хайру савоб ва накукорӣ аз ҷумлаи расму ойинҳои инсондӯстонаи Наврӯз мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз табиати офарандаи Наврӯз бармеояд, ки ин ҷашни миллӣ, дар баробари дигар суннатҳои зиндагисози худ, ҷашни ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу сафо аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо фарорасии Наврӯз ҳамбастагии хосу ом ва муттаҳидии аҳли ҷомеа ба амал омада, кинаву кудурат аз дилҳо берун меравад ва риштаҳои дӯстиву рафоқат боз ҳам мустаҳкам мегарданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз чун беҳтарин ҷашни миллии мардуми Шарқ таҳаммул, ҳамбастагӣ ва сулҳу ваҳдатро тарғибу ташвиқ менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Баъди соҳибистиқлолии кишварамон Наврӯз эҳё гардид, мақоми хос пайдо намуд ва аз ҷашни мардумӣ то сатҳи ҷашни давлатӣ ва байналмилалӣ эътироф гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз рӯҳи солим дошта, дар ойини мардуми мо сароғози зиндагии нав ва амалӣ шудани ормонҳои наҷиб ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ормони ниёгон ва ҳадафҳои созандагии имрӯзу ояндаи моро ба ҳам мепайвандад ва симои маънавӣ ва суннатҳои деринаи халқи моро бо арзишҳои волои умумибашарӣ ҳамоҳанг месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фазилати Наврӯз ҳамчун ҷашни пайванди инсон бо табиат аз вусъати амалҳои созандаву ободгарона, сабзонидану парвариши ниҳолҳо ва бунёди боғҳо иборат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз барои сарзамини мо бо шодиву хуррамӣ ва файзу баракати худ қадам гузошта, ҳамроҳ бо зиндаву тоза шудани табиат дилу дидаи мо низ ҳаёти дубора мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор Наврӯз барои мову шумо наврӯзи шодирасон ва фатҳу нусратҳои нав ба нав гардад!

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор Наврӯз ба хонаву кошонаи ҳар кадоми шумо пайку муждаи иқбол ва бахту саодати тоза орад!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханрониии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими наврӯзӣ дар боғи Ваҳдати ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, 25.03.2017**

Дар фарҳанги мардуми мо ҷашни фархундаи Наврӯз ниҳоят азизу арҷманд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи оламафрӯз  соли нави аҷдодии мост, ки таърихи бостонӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз барои мардуми мо як васила ва айёми созандагию ободкорӣ буда,  пешрафту ободии ҳар як хонадон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз на танҳо дар кишварҳои ориёӣ, балки дар сарзаминҳое  низ ҷашн гирифта мешавад, ки аз сарчашмаи пурбаракату ҷовидонаи фарҳанги мо баҳравар шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо аз он хушбахтем, ки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар рӯзи ҷашни фархунда ҳамдигарро бо ибораи тоҷикии «Наврӯз муборак!» табрик мекунанд. Ин  нукта бори дигар тасдиқ мекунад, ки миллати мо дар тамоми таърихи худ нақши пахнкунандаи тамаддун ва фарҳангро бозидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ба ҷашни байналмилалӣ табдил  ёфта, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон бо тантана таҷлил  карда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз ҷониби СММ ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки одамони сайёраи Замин ба ин ойини  инсонпарварона эҳтиром доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ба ифтихори ҷашни Наврӯз**
**дар  Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе,**
**21 марти 2016**

Воқеан, ҷашни байналмилалии Наврӯз яке аз маросимҳои писандидаи оламиён мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо хусусиятҳои писандидааш ба мисли некию накукорӣ, хуррамию хушҳолӣ, машҳури олам гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардумон ҷиҳатҳои писандидаи Наврӯзи бостониро бо илова намудани ойину рамзҳои нави ҳаётдӯстона то ба рӯзҳои мо расонидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯзи оламафрӯз як ҷузъи хотираи тобноки маънавии одамон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба қавли донишмандон дар байни ҷашнҳо он, ки бештар мавриди қабули ом аст, Наврӯзи ҷаҳонафрӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо моҳият ва хусусиятҳои фарҳангию мардумии худ миёни хосу ом маҳбубияти зиёд пайдо кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо хислатҳои фарҳангию мардумӣ аз замонҳои қадим ёдгор мондааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҷашни мардум аст ва хурду бузург омаданашро бесаброна интизорӣ мекашанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Сифатҳои некбинонаи ин ҷашни воқеан мардумӣ асос шуд, ки Наврӯзро ба ҷашни байналмилалӣ табдил доданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон барои мақоми ҷаҳонӣ гирифтани Наврӯз яке аз кишварҳои ташаббускор буд.

Эмомалӣ Раҳмон

Барои мо Наврӯз на суннати хонаводагӣ, балки ҷашни воқеан мардумист.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни бостонии Наврӯз дар ватани аслии худ–Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил карда мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо ягон дину мазҳаб робитае надорад, балки ҷашни тақвимӣ ва фарҳангиест, ки аз суннату ойинҳои инсондӯстона иборат мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо ҳама сифатҳои некбинонаи худ ба хонадони мардум ва ба ҳар як фард паёми хуррамиву шодмонӣ ва хушбахтию хонаободӣ меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи оламафрӯз хислатҳои бузурги зебоипарастию меҳмоннавозӣ ва накукорию хайрхоҳиро дар ниҳоди инсонҳо ҷо менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз мардуми мо ба тозаву озода намудани хонаву манзили худ машғул шуда, гулгашту хиёбон, боғу майдонҳоро ободу хуррам мегардонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Моро зарур аст, ки таърих ва анъанаҳои Наврӯзро ҳарчи бештар ва амиқтар омӯзем ва тарғибу ташвиқ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳамоиши байналмилалии кишварҳои ҳавзаи Наврӯз барои баланд рафтани мақоми Наврӯзи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҷаҳонӣ мисли адабиёту фарҳанг хислату сиришти инсонгароёна дошта, ба мардум неруя шодмонӣ, хушию хушбахтӣ мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз хусусияти сирф фарҳангӣ ва инсониву мардумӣ дорад ва ҳеҷ зарурате ба сиёсӣ кардан надорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар вуҷуди инсонҳо эҳсоси дӯстию бародарӣ, меҳру шафқат, эҳтирому садоқат ва ҳамёрию ҳамзистиро бештар менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Хони ҳафт сину ҳафт шини наврӯзӣ ба ин суру шодмонӣ ҷилои бештар бахшида, аз хайру баракат ва фаровонию хушбахтӣ башорат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз ва мулоқот бо зиёиёни мамлакат, 20.03.2016, шаҳри Душанбе**

Наврӯз ҳамчун ҷашни фарруху хусравонӣ дар сарзамини аҷдодии мо арзи ҳастӣ намуда, решаҳои он аз устураҳои бостонии ориёӣ сарчашма мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯз миёни мардуми тоҷик ва аксари халқҳои кишварҳои Шарқ мақом ва манзалати махсус дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Доир ба пайдоиш ва шукӯҳу шаҳомати Наврӯз дар осори гаронбаҳои гузаштагони мо маълумоти фаровон мавҷуд аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Халқи мо дар масири таърих ба маросимҳои наврӯзӣ эҳтиром гузошта, беҳтарини онҳоро дар ҳофизаи фарҳангӣ ва таърихии худ ҷой кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз миёни урфу одатҳои наҷиби наврӯзӣ бахшидани гуноҳон, некӣ ва саховат ба инсонҳо, кумак ба ниёзмандон асрҳо боз идома доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз боз аз он ҷиҳат дар миёни халқҳои тоҷик ва форсизабон арзишу эҳтиром дорад, ки инъикосгари бедории табиат ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҷаҳонафрӯз бо сад накҳату ороиш аз омадани баҳор мужда оварда, ба дилҳо сафо мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо омадани Наврӯз табиат зинда гардида, гармӣ бар сардӣ, рӯшноӣ ба торикӣ, ҳаракат ба оромӣ ғалаба мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Маросими наврӯзии барои мардуми деҳқон хусусияти хос дошта, муҷиби зуҳур шудани ойини кишоварзӣ гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми мо дар баробари тантанаҳои наврӯзӣ ба кишту кори баҳорӣ машғул шуда, ниҳол мешинонанд ва боғу роғ бунёд мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар хотираи фарҳангии халқи мо ҷашни фархундаи Наврӯз ҳамчун ойини сулҳу сафо ва ваҳдатовар ниҳоят арҷманд мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми ҷашни Наврӯз одамон аз хурд то бузург бо ҳамдигар муомилаи нек менамоянд, бо нармӣ сухан гуфта, ба ҳам созиш мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар кишвари мо Наврӯз ҳамчун ҷашни миллӣ пазируфта шуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ва ойинҳои он дар арсаи ҷаҳон шукӯҳу шаҳомати нав касб карданд ва дар ақсои олам тарафдорони зиёде пайдо намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми мо, бахусус кишоварзон, Наврӯзи оламафрӯзро ботантана ҷашн мегиранд ва ҳам ҳар як рӯзи баҳорро ғанимат медонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Боиси хурсандист, ки Созмони Милали Муттаҳид 21-уми мартро "Рӯзи байналмилалии Наврӯз" эълон намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба хотири арҷ гузоштан ба анъанаҳои неки наврӯзӣ бо ташаббуси Тоҷикистон ҳамасола вохӯрии сарони давлатҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз баргузор мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни байналмилалии Наврӯзро ба мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва тамоми мардумони ҳавзаи Наврӯз табрик мегӯям!

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор дар кишвари мо хуршеди меҳру садоқат, дӯстиву рафоқат ва сулҳу амонӣ ҷовидона нурафшон бошад!

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳама рӯзи Тоҷикистону тоҷикистониён ҳамеша Наврӯз ва ҳар иқдоми мо ба нафъи Ватану миллат пирӯз бод!

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи фархундапай муборак, ҳамватанони азиз!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат,**
**19.03.2015, шаҳри Душанбе**

Наврӯзи ҷаҳонафрӯз зеботарин ва дилангезтарин ҷашни инсонӣ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзатон пирӯз бод, ҳар рӯзатон Наврӯз бод!

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз падидаест, ки ҷаҳони маъниро дар худ нуҳуфта ва розҳои фалсафии он таҳқиқоти ҷомеъ ва амиқро тақозо доранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар зоти худ шинохти ақлӣ ва сиратии инсон аз низоми малакутӣ ва табиии ҷаҳон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз тайи шаш ҳазор соли таърихи пуршебу фарози хеш мазмуни васеъ ва амиқи иҷтимоӣ ва амалӣ касб намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар таърихи ҷаҳонӣ Наврӯз қадимтарин ва дақиқтарин ҷашни соли нав аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз аз сароғоз шаҳсутунҳои ҳастии иҷтимоӣ ва тамаддунии инсонро мушаххас ва муайян намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз амали созандаро чун нахустунсури фаъолияти созандаи инсон муаррифӣ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Шаҳсутуни дигари ҷомеа дар фалсафаи Наврӯз озодагӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз инсонҳо қалбҳои худро аз ҳама гуна душманӣ, кудурат, бухлу ҳасад ва пиндору андешаҳои номатлуб пок менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар низоми ҷомеа ва фаъолияти иҷтимоии инсон асли эътидолро чун асли бунёдӣ ва мизони возеҳу равшан арзёбӣ намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷовидонагии Наврӯз ба ҳайси қадимтарин ҷашни зиндаву пойдори ҷаҳон дар пайванди ногусаста бо ниёзҳои ҳаётӣ ва сиратии инсон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо қодирем дар пайравӣ аз суннатҳои неки Наврӯз рушди ҳамагонии кишварҳои худ ва ҳамгироиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тамоми ҳавзаи Наврӯз таъмин намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ин шоистаҷашн ва дар ин шоистарӯз, яъне Наврӯзи оламафрӯз орзуманди хушрӯзӣ, сарсабзӣ ва саодати наврӯзии ҳамагон ҳастам.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҳар яки шумо пирӯз, ҷовидон ва дурахшон бод!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими расмии Ҷашни байналмилалии Наврӯз, 27.03.2014, Афғонистон**

Боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар яки мост, ки имрӯзҳо ҳамагон ҷашни Наврӯзи ҷаҳониро дар шароити сулҳу оромӣ, истиқбол мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба муносибати фарорасии Наврӯз ба шумо саломатӣ, хонаи обод, бахту иқбол ва ба кишоварзон файзу нусрат ва баракати баҳорӣ орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

Беш аз шаш ҳазор сол муқаддам ниёгони тамаддунсози мо ба суннати абадзиндае асос гузоштаанд ва он Наврӯзи ҷаҳонфарӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикон дар масири пуртазоди таърих суннати неки аҷдодӣ Наврӯзро баробари забони модарии худ ҳифз намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар баробари бисёр фазилатҳои некаш ҷашни баробарию ҳамдигарфаҳмии инсонҳост.

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз рисолатҳои Наврӯз таҳкими робитаҳои байни одамони гуногун буда, аҳкоми наврӯзӣ ҳамчун фарҳангистони маърифат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷаҳонишавии Наврӯз ҳақиқати таърихии ба асолати худ баргаштану эътироф шудани ин суннати аҷдодиро ба воқеият табдил дод.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯзро халқҳои гуногуни олам ҳамчун маросими ба охир расидани фасли сардӣ ва истиқболи мавсими гармӣ таҷлил мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Муждаи мақоми ҷаҳонӣ гирифтани Наврӯзро мардумони ҳавзаи фарҳангии Наврӯз фоли нек медонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҷашни хислату амалҳои нек буда муҳтавои асосии онро пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ташкил медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар баробари созандаю офаранда буданаш, инчунин, дар қалби одамон ҳисси зебоипарастию ватандӯстиро мепарварад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба шарофати ҷаҳонӣ шудани Наврӯз муҳимтарин суннату анъанаҳои писандида ва неки наврӯзӣ эҳё гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ва чун Наврӯз айёми созандагию ободкорӣ ва оғози амалҳои нек аст, барномаи амалии "Аз Наврӯз то Наврӯз" ба роҳ монда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Риояи фарҳанги истифодаи замин ва офаридани неъматҳои моддӣ нишонаҳои ойинҳои неки Наврӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ба мардуми кишварамон неруи тоза бахшида, ба таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханрониии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими таҷлили Наврӯз, 22.03.2014 , ноҳияи Данғара**

Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи зиндагисозу тамаддунофари аҷдоди халқи тоҷик пайванди ногусастанӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фазилати дигари таҷлили ҷашни Наврӯз ҳамдилию сарҷамъии аҳли ҷомеа ва хушҳолию хурсандии хурду бузурги мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Наврӯз мардум гирди дастархони идона ҷамъ омада, нақшаҳои ободкорию созандагӣ мекашанд ва шодиву хурсандӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Навсозӣ дар айёми Наврӯз ҷузъе аз фарҳанги қадимаи тамаддунсози тоҷикон ва халқҳои ориёӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар замони давлатдории хонадони Сомониён бо тамоми русуму суннатҳои худ дубора эҳё гардид.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи Аҷам аз даврони бостонӣ ривоҷу густариш пайдо карда, бо сиришти поки худ то замони мо аз гузаштагонамон ба ёдгор мондааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Бузургдошти Наврӯз, бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷаҳонишавии Наврӯз воқеияти таърихии ба асолати худ баргаштану эътироф шудани ин суннати аҷдодиро барқарор намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо аз Наврӯз то Наврӯз боз ҳам ободу зебо ва неруманду пешрафта мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бахти баланди миллати сарбаланди тоҷик аст, ки ҷашни бузурги байналмилалии Наврӯзро дар фазои истиқлолияти комил истиқбол менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо орзу дорем, ки Наврӯзи оламафрӯз ҳамасола бо қабои сабзи худ моро ба сӯйи рӯзгори орому осуда ва ободии Ватани азизамон раҳнамун созад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор Наврӯзи ҷаҳонӣ дар хотираи аҳли ҷомеаи ҷаҳон ҳамчун намунаи хиради бузурги гузаштагони некноми мо ҷовидон боқӣ монад!

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи хуҷастапай муборак, ҳамватанони азиз!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии Наврӯз, 21.03.2014, шаҳри Душанбе**

Ҷашни Наврӯз аз ҷумлаи муҳимтарин ва муқаддастарин ойинҳои миллии мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми Тоҷикистон ҳамасола ин ҷашни бузургро бо хушҳолии беандоза ва самимияти хосса таҷлил менамоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз табиат ва тамоми мавҷудоти олами ҳастӣ ҷони тоза мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

Шоирони бузурги мо то имрӯз дар васфи Наврӯз шеъру тарона ва достону чакомаҳои зиёд офаридаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ва суннату ойинҳои он як бахши муҳимтарини зиндагии мардуми мо аз давраҳои қадим то имрӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Пос доштани Наврӯз ҳамчун суннати аҷдодӣ барои ҳар яки мо амри ҳаётӣ ва рисолати муҳими миллӣ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тамаддуни ориёӣ ба инсоният ҷашни Наврӯзро пешкаш намудааст, ки бар пояи меҳру садоқат ва хираду заковат асос ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҷаҳонӣ имрӯз низ метавонад дар ҳамкорию ҳамгироӣ, сулҳу созиш ва дӯстию ҳамдигарфаҳмии мардуми сайёра нақши муассир дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯз илова бар ин, ки далели қадимӣ будани миллати тоҷик мебошад, тобеи ягон мафкура ё ҷаҳонбинии диниву мазҳабӣ нест.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҷашни баробарии инсоният, ойини дӯстию самимият, таҳаммулгароӣ ва аз дилҳо берун андохтани кинаву адоват мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ниёгони мо суннату анъанаҳои неки Наврӯзро аз даврони бостонӣ ҳифз намуданд ва онро чун машъали фурӯзон аз насл ба насл расониданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми гулшукуфти Наврӯз нияту орзуи хуб кардан, суннати нек ва ҳамидаи миллии мардуми мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми фархундаи Наврӯз умеду орзу дорам, ки Худованд сулҳу амонию ваҳдати миллии моро ҷовидону пойдор гардонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Сари соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи оламафрӯз муборак ва хуҷаста бод, ҳамватанони азиз!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиён, 20.03.2014, шаҳри Душанбе**

Тоҷикон аз даврони қадим то ба имрӯз Наврӯзро чун ойини муқаддаси аҷдодӣ ҳифз намудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар баробари бисёр фазилатҳои некаш ҷашни сулҳу ваҳдат ва якдилӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Гузаштагони мо бо дарназардошти айёми эҳё гардидани табиат Наврӯзро ҷашни офариниши табиату ҳаёт меҳисобиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз рисолатҳои Наврӯз таҳкими робитаи байни қавму миллатҳои гуногун аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Риояи фарҳанги истифодаи замин ва офаридани неъматҳои моддӣ аз ҷумлаи ойину суннатҳои неки Наврӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими таҷлили Наврӯз, 22.03.2014, ноҳияи Данғара**

Наврӯз ҳамчун қадимтарин ва зеботарин ҷашни мардумӣ дар домони табиати зебои куҳандиёри мо зуҳур кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи зиндагисозу тамаддунофари аҷдоди мо пайванди ногусастанӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фазилати дигари таҷлили Наврӯз ҳамдиливу сарҷамъии аҳли ҷомеа ва хушҳоливу хурсандии хурду бузурги мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар Наврӯз мардум гирди хони идона ҷамъ омада, нақшаҳои ободкорию созандагӣ мекашанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз замонҳои қадим  низ суннатҳои наврӯзӣ ривоҷу густариш пайдо карда, бо сириштии поки худ то замони мо боқӣ мондааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Таҷлили Наврӯз бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист, ки дар тӯли садсолаҳо арзишҳои неки инсониро дар худ таҷассум кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷаҳонишавии Наврӯз воқеияти таърихии ба асолати худ баргаштану эътироф шудани ин суннати аҷдодиро барқарор намуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор Наврӯзи ҷаҳонӣ дар хотираи аҳли ҷомеаи ҷаҳон ҳамчун намунаи хиради бузурги гузаштагони некноми мо боқӣ монад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон бахшида ба Рӯзи байналмилалии Наврӯз, 21.03.2014, шаҳри Душанбе**

Яке аз ойинҳои бисёр қадимаи мардуми куҳанбунёди мо, ки ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ эҳё гардид, Наврӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯз дар ҳақиқат аз ҷумлаи муҳимтарин ва муқаддастарин ойинҳои миллии мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар, 20.03.2014, шаҳри Душанбе**

Бинои хештаншиносии тоҷикон дорои ду шаҳсутун аст, ки яке забони модарӣ ва дигаре ҷашни Наврӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ якҷо бо Наврӯзи фархунда пояҳои маънавии мавҷудияти таърихии тоҷикон ба ҳисоб мераванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯз барои халқи тоҷик чун ҳалқаи пайвандсози таърихӣ хизмат кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Зуҳури Наврӯз ба падидаву устураҳои бузурги кайҳонию ҳамосие мепайвандад, ки ба сарнавишти тамоми башарият алоқамандӣ дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар радифи суннатҳои миллии халқҳои гуногуни олам ҷашни мардумӣ мебошад, ки бо рӯҳи зиндагисози хеш ҳаёти инсониятро мунаввар месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фалсафаи Наврӯз мардумони оламро ба некию накукорӣ, хайру саховат, заҳмати созанда ва таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни бостонии Наврӯз хусусиятҳои деринаашро бо рӯҳияи замони муосир созгор намуда, дар хизмати инсони созандаи асру замони нав қарор гирифтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Моро лозим аст, ки суннатҳои неку зебои ба гӯшаи фаромӯширафтаи Наврӯзро эҳё намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз ҳаёт бар марг, нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва гармӣ бар сардӣ ғалаба мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бузургони мо аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то имрӯз дар васфи Наврӯз шеъру тарона ва достону чакомаҳои зиёд офаридаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ва суннату ойинҳои он як бахши муҳимтарини зиндагии мардуми мо аз даврахои қадим то имрӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Пос доштани Наврӯз ҳамчун суннати аҷдодӣ барои ҳар яки мо амри ҳаётӣ ва рисолати муҳими миллӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷомеаи мутамаддини муосир беш аз аз ҳар вақти дигар ба ойинҳои инсондӯстона ва хиради созанда ниёз дорад, яке аз онҳо ҷашни бостонии Наврӯз мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи ҷаҳонӣ имрӯз низ метавонад дар ҳамгироию ҳамкорӣ, сулҳу созиш ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмии мардуми сайёра нақши муассир дошта бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба муносибати фарорасии Наврӯз мардуми мо аз рӯйи анъана ва суннатҳои қадима беш аз ҳар вақти дигар даст ба корҳои хайр мезананд.

Эмомалӣ Раҳмон

Фарҳанги Наврӯзи оламафрӯз хислату ҷавҳари инсон-соз дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи аҷдодӣ ба мардуми куҳанбунёду соҳибфарҳанги мо дар иҷрои нақшаҳои бунёдкорию созандагӣ имсол низ рӯҳу тавони тоза мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҷлили ҷашни Наврӯз, 22.03.2013, шаҳри Душанбе**

Наврӯз ҷашни халқу миллатҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик буда, дар аслу ҷавҳари худ падидаи фаромиллист.

Эмомалӣ Раҳмон

Тавре ки аз ёдгориҳои Тахти Ҷамшед маълум мегардад, Наврӯз дар қаламрави 23 кишвари онрӯзаи ҷаҳон ҷашн гирифта мешудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар гузашта ва ҳам дар замони муосир ҷашни бедории табиат ва ҳамзистии мусолиматомези қавму миллатҳои гуногунро таҷассум месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фарҳанги Наврӯз дар назди башарият масъулиятҳои ҷиддиеро барои ҳалли мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ гузоштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз метавонад ба ҳайси барномаи дӯстию ҳамзистии мардумони ҷаҳон барои ҳалли масъалаҳои мубрам ва доғи сайёраи мо истифода шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фарҳанги Наврӯз моро ҳидоят мекунад, ки дар навбати аввал роҳҳои иртиботиро дар дохили кишварҳоямон барқарор кунем.

Эмомалӣ Раҳмон

Тарғиби фарҳанги Наврӯз метавонад ғоя ва амали Роҳи абрешимро густариш диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Фарҳанги маърифатпарварии Наврӯз метавонад барои густариши ҳамкориҳо байни кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз рамз аст, рамзи навсозӣ ва тоҷикон дар ин мавврид мегӯянд: «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост».

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҷлили чорумин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз, 21.03.2013, Туркманистон**

Мо аз ҷумлаи он мардумони хушбахте ҳастем, ки ин суннати бостонии Наврӯзро бо маъниву муҳтавои амиқ ва ҷавҳари фалсафию рӯҳи зиндагисози он ба мерос гирифтаем.

Эмомалӣ Раҳмон

Имрӯз барои мо, тоҷикон, боиси ифтихор аст, ки ин ҷашни куҳану бостонӣ аз тарафи СММ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эълон шуд. Ин дастоварди арзишманд натиҷаи азму талоши муштарак ва пайгириҳои чандинсолаи Тоҷикистон ва чандин давлатҳои дӯсту бародар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Моро зарур аст, ки дар оянда низ барои эҳё ва таҳкиму тақвияти ҷашни зебои Наврӯз ва ба оламиён ба таври арзанда муаррифӣ кардани суннату русуми неки он саъю кӯшиш намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар қатъномаи СММ доир ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» омадааст, ки давлатҳои узви ин созмони муътабар бояд сатҳи огоҳиашонро дар бораи Наврӯз баланд бардошта, бо мақсади интишор ва тарғиби донишҳои марбут ба таъриху суннатҳои наврӯзӣ ҳамасола чорабиниҳо баргузор намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз, 25.03.2012, шаҳри Душанбе**

Мо аз он ҳам ифтихор дорем, ки дигар мардумони ҳавзаи фарҳангии Наврӯз дар ин ҷашни фархунда якдигарро бо ибораи фараҳбахши «Наврӯз муборак!» табрику таҳният мегӯянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар сатҳи СММ чун ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз тасодуфӣ нест. Ин иқдоми муҳим на фақат дар рушди тамаддуни муосир фоли нек аст, балки гувоҳи он аст, ки имрӯз ҷаҳон беш аз ҳар вақти дигар ба арзишҳои олии маънавию ахлоқии фарҳанги наврӯзӣ ниёз дорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Чандин ҳазор сол қабл ниёгони фарзонаи мо ба суннати фарҳангие асос гузоштанд, ки баёнгари пирӯзии нур бар зулмот, некӣ бар бадӣ ва тантанаи покиву садоқат ва тозагиву озодагии инсонӣ мебошад ва он Наврӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар байни ниёгонамон расми хубе роиҷ буд, ки айёми наврӯзӣ хусумату кинаро аз қалбҳо берун меандохтанд ва дасти нотавону дармондагонро мегирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардум ба истиқболи Наврӯз, ки башорати рӯзи нав ва эҳёи табиату замин аст, манзилу кошонаи худро тозаву озода ва кӯчаву хиёбонҳоро бо ниҳолу гулбунҳо ободу зебо мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Деҳқони ризқофарин дар айёми Наврӯз ба сари замини саховатбахш омада, онро ҷуфт мекунад ва ба он тухми умед мепошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз зиндатарин ҷашне дар рӯйи Замин буда, аз омадани соли нав ва навшавии ҷаҳони бекарон башорат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҳар сол чун бедорию эҳёи табиат фаро расида, бо ҳар равияи ғоявию фарҳангие, ки дар тӯли таърих рӯ ба рӯ шудааст, созгор омада, боз ҳам зеботару ғанитар гаштааст.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии Наврӯз, 25.03.2012, шаҳри Душанбе**

Таърих гувоҳ аст, ки Наврӯз ҷавҳари фарҳанги мардуми ориёиро ташкил намуда, гузаштагони мо онро ҳамчун оғози соли нав, ҷашни баҳор ва бедории оламу одам таъбир кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тибқи андеша ва эътиқоди онон Наврӯз рамзи пирӯзии нур бар зулмот, адолат бар ҷаҳолат, зебоӣ бар зиштӣ ва ҷашни покизагию ободонӣ ва бунёдкорӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҷлили дуюми ҷаҳонии ҷашни Наврӯз, 27.03.2011,Эрон**

Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мардуми ориёӣ, оғози соли нави шамсӣ, пайвандгари инсону табиат, мавсими киштy кори баҳорӣ ва аз нигоҳи илмӣ дақиқтарин мизони баробаршавии шабу рӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ойини бостонии таровату покӣ, мунодии сулҳу оштӣ ва ҷашни ҳумоюни байналмилалӣ ва ваҳдату ҳамбастагии башарият буда, таърихи беш аз чандҳазорсола дорад ва аз қаъри асрҳои зиёд аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Гузаштагони тамаддунсозу фарҳангии мо, тоҷикон, аз замонҳои қадим ҷашни бузурги Наврӯзро бо риояи расму анъанаҳои куҳан таҷлил менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханрониии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тантанаи наврӯзӣ дар Боғи миллии «Ваҳдат», 26.03.2011, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

Наврӯз оғози соли нав ва ибтидои тақвими нав мебошад ва ҷашни баробарии шабу рӯз дарбаргирандаи фалсафаи баробарии инсонҳо дар рӯйи замин ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ниёгони арҷманди мо якдигарро ба муносибати фаро-расии Наврӯз, як ҷашни аз лиҳози эҳтироми қадру шарафи инсонҳо камназир, шодбош мегуфтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯз аз замонҳои бостонӣ дар баробари ин, ки ба ривоҷи кишоварзию ободгарӣ мусоидат намудааст, ҳамчунин, ба инсонҳо чун фарҳанги волои ҳамёрию ҳамкорӣ ва омили муҳими таҳкими сулҳу ваҳдат ва ривоҷи накукорию хайрхоҳӣ хизмат кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз сабабҳои ҷаҳонишавӣ ва дар байни халқу давлатҳои дигар доман паҳн кардану гиромӣ шудани Наврӯзи Аҷам фарҳанги ҳамзистиву ҳамкорӣ ва омили муҳими таҳкими сулҳу ваҳдат аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Боиси ифтихори мо, мардуми ориёитабор аст, ки СММ дар асоси ташаббуси Тоҷикистон ва бо пуштибонии чандин давлатҳои дигар доир ба ҷашни байналмилалӣ эълон намудани Наврӯз қатънома қабул кард.

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз суннатҳои неки Наврӯз он аст, ки одамон бо фаро расидани ҷашни фархунда на танҳо макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси хешро нав ё тозаву озода мегардонанд, балки қалбу ботини худро аз кинаву адоват ва хушунату бадбинӣ пок месозанд, ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду оғӯши пурмеҳр истиқбол мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо омад-омади Наврӯз табиат баъди фасли сармо аз нав зинда мешавад, кишоварз ба замин донаи умед мекорад. Хуршеди пурҳарорати наврӯзӣ ба хонадон ва қалби ҳар яки мо нур мебахшад ва дар дилҳои мо эҳсоси самимии накукорӣ ва созандагиро бедор мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Наврӯз, 21.03.2011, шаҳри Душанбе**

Наврӯз баёнгари рӯзи тоза, зиндагии нав ва эҳёи табиат баъд аз сардии зимистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ба ҷуз ин ки баёнгари рӯзи тоза мебошад, ифодаи паёми суруровар аз рӯҳи тоза, нафаси гарми табиат, эҳёи эҳсоси ишқу муҳаббат ба зиндагии тоза аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо нури гарму равшани хуршеди баҳорӣ, насими форам ва фараҳбахши навозишгар, садои найи чӯпон ва суруди кишоварз, ханда ва бозиҳои дилангези кӯдакон мавҷ мезанад, болу пар мекашад, зиндагиро гуворотар месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бунёдгузори адабиёти форсӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки зодгоҳ ва оромгоҳи ӯ Тоҷикистон буда, вале падари адабиёти ҳамаи форсизабонон аст, Наврӯзу баҳори нозанини Хуросонро борҳо хеле нуктасанҷона васф кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Фирдавсии бузург муҳаббати хешро нисбат ба ин суннати ҷовидонаи миллат ба дараҷае боло бурда буд, ки дар «Шоҳнома»-и безаволи худ аз забони як қаҳрамонаш ба номи Наврӯз савганд ёд кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз таърихи беш аз шашҳазорсола дорад, ки гувоҳи аз ҷониби мардумони мо бо камоли эҳтирому эҳтиёт то замони мо расондани ин ҷашни зебои ниёгон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз маълумоти Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» бармеояд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни оғози соли хуршедӣ, балки оғози соли иқтисодию молиётӣ низ будаast.

Эмомалӣ Раҳмон

Бори дигар ин асл собит мегардад, ки Наврӯз ва ҷашнҳои воқеан миллию инсондӯстона баҳаморандаи мардумони мо ва созандаи пулҳои маънавии дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз имрӯз низ пайвандгари халқҳо ва фарҳангҳост.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тантанаҳои байналмилалии наврӯзии шаҳри Теҳрон, 27.03.2010, Эрон**

Наврӯзи Аҷамро дар тӯли асрҳои халқияту миллатҳои гуногун бо самимият ва меҳру муҳаббати хосса ҷашн ме-

гиранд, ки ин аз арзиши умумибашарӣ ва асолати тамаддунсози он башорат медиҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз барои боз ҳам мустаҳкам гардидани робитаҳои неки ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯзи бостонӣ сароғози таърихи пурғановати мо буда, ҳамчун суннати пурарзиш ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ва тору пуди зиндагии на танҳо мардуми тоҷику форс, балки халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он омезиш ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз чун рамзи пайванди азалии инсон бо табиат дар шабу рӯзҳои эътидоли баҳориву иваз шудани сол фаро мерасад ва бо расидани он рӯзгори куҳан зиндагиро аз сар мегирад, табиату ҳастӣ рахти нав ба тан мекунад ва дар рӯҳу ҷони одамон гардише падид меояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Иди Наврӯзро, ки бо фарорасии он гармии ҷонбахши баҳорӣ оғоз меёбад, ҷашни шукӯҳи табиат ва овони эҳёи он гуфтаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз давраест, ки Замин ба меҳвари Хуршед баромада, рӯзу шаб баробар мешавад ва кулли инсону мавҷудотро рӯҳу равони тоза бахшида, баояндаи нек, рӯзгори обод ва пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз иди зебои ниёгони мо, ки дар ҳама давру замонҳо аз ҷумлаи бузургтарин ҷашнҳои муқаддаси миллӣ ва ойини зиндагисози мардум ба ҳисоб меравад, ҳамчун рамзи корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама, ба кишоварзон неруву илҳоми тоза мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз бо нақши созандаи хеш ба шудгор ва киштукори замин, пошидани донаи умед, шинонидани ниҳол ва гулу гулбуттаҳо, хуллас, оғози ҳамаи корҳои баҳорӣ ҳидоят менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Халқи тоҷик ин иди азизу муътабар ва муқаддаси ниёгонро бо хурсандиву арҷгузории беандоза таҷлил карда, беҳтарин орзуву ормонҳои худро бо Наврӯзи хуҷастапай пайванд медонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тамоми ойинҳои наврӯзӣ, ки сарчашмаи бузурги ахлоқию тарбиявӣ ва бунёдкориву созандагӣ мебошанд, имрӯз низ барои ҳар фарди огоҳу солимфикр чун манбаи умеду ормонҳои наҷибу созанда ва василаи худшиносиву ҷаҳоншиносӣ хизмат мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор Наврӯзи хуҷастапай дӯстию ҳамгироии халқҳову кишварҳои оламро боз ҳам пойдору бобақо гардонад!

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тантанаҳои наврӯзӣ, 21.03.2010, шаҳри Душанбе**

Тамаддуни халқи мо бо Наврӯз оғоз мегардад, яъне Наврӯз оғозгоҳи мардуми фарҳангии мо буда, аз давраҳои бостон то имрӯз бо беҳтарин арзишҳои худ ба зиндагии мо рангу таровати хосса мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Пайдоиши Наврӯз ба замони шоҳ Ҷамшед марбут буда, аз замонҳои хеле қадим то ба имрӯз ҳамчун рӯзи хуҷаста, пешонии сол ва ҷашни шодию нишот ҷашн гирифта мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва ҳуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо он дубора зинда мешуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигоҳдорандаи мардум, забон, расму ойин, фарҳангу таърих ва ниҳоят Ватан будааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз барои мардуми мо ҷашни ниҳоят муборак буда, дар моҳи фарвардин, ки маънои пок, озода, қудсӣ ва муқаддасро дорад, таҷлил мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мо имрӯз ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ Наврӯзро ҳамчун ифодагари ормонҳои миллии мардуми тоҷик бо самимият ва шаҳомат таҷлил мекунем ва рӯҳи озодаи онро дар вуҷуди худ дубора эҳсос менамоем.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар давоми таърихи чандинҳазорсолаи хеш бо мазмуну муҳтавои зиндагисози худ то имрӯз бо номҳои иди рӯзи нав, оғози сари сол, эҳёи табиат ва бедории замин аз канораҳои Варорӯд то халиҷи Форс ҷашн гирифта мешавад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати иди Наврӯз, 21.03.2009, шаҳри Душанбе**

Наврӯз сазовор ва шоистагии ҳама гуна хушҳолию шодиро дорад, чунки бузургони гузаштаи мо дар ин маврид гуфтаанд: «Ҳар кас, ки талаби Наврӯз кунад, ба хуррамию ободӣ ва шодиву нишот бирасад».

Эмомалӣ Раҳмон

Тамоми мардуми Тоҷикистони азизамонро бо ҷашни Наврӯзи муборакқадам ва хуҷастапай аз таҳти дил самимона табрику шодбош мегӯям!

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз таърихи бедор ва дар айни замон нишонаи равшани бедории таърихи миллати мо мебошад, ки аз замони шоҳ Ҷамшед шурӯъ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз нахустин рӯзи фарвардин буда, аз қаъри ҳазорсолаҳо бо ойину суннатҳои неку писандидааш ҳамчун ёдгори ҷовидонаи ниёгони ориёиамон то рӯзгори мо расидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар баробари ин, ки оғози эҳёи табиат, айёми эътидоли баҳорӣ, рӯзи фаророасии соли нав ва оғози корҳои кишоварзӣ мебошад, масъалаҳои маърифативу фалсафӣ, ҷаҳоншиносӣ, арзишҳои волои ахлоқӣ, некию накукорӣ ва адлу ростиро низ дарбар мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷавҳар ва ҳикмати Наврӯз ифодагари ормонҳои муқаддас ва неки миллӣ, аз қабили эҳсоси гарми муҳаббат ба марзу буми аҷдодӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ватандориву меҳанпарастии мардуми мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ва мо аз ҷумлаи миллату мардумони хушбахт ҳастем, ки ҷашни бостонии Наврӯзро бо маъниву муҳтавои амиқ ва ҷавҳари фалсафию рӯҳи зиндагисози он ба мерос гирифтаем.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз муҳимтарин ҷашнест, ки бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёди дар давоми асрҳо дар сари роҳи он эҷодшуда, тамоми зебоию хубиҳои он ба шарофати гузаштагони фарҳангдӯстамон то замони мо ҳифз шуда, ба ёдгор мондаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ниёгони хирадманди мо расму оинҳои наврӯзиро, ки аз баробар шудани шабу рӯз ва эҳёи табиат оғоз меёбанд, ба хотири бузургдошти робитаи инсони созанда ва табиати зинда, инчунин, арҷгузорӣ ба ғояҳои инсонпарваронаи миллӣ ва умумибашарӣ ҳифз кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Маросими баргузории ҷашни Наврӯз ва ба ҳузур пазируфтани намояндагони қавму миллатҳои гуногун дар деворнигораҳои Тахти Ҷамшеди Эрон то имрӯз побарҷо буда, намунаи олии инсондӯстии ниёгони хирадманд ва фарҳангпарвари мо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар гузашта маросими суннатҳои Наврӯз шаш рӯз идома ёфта, аз ду қисм, яъне Наврӯзи Хурдак ва Наврӯзи Бузург иборат буд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷашни Наврӯз, 21.03.2008, шаҳри Хуҷанд**

Наврӯз яке аз ойинҳои бостонии ниёгони соҳибфарҳанги мо аст, ки аз фаро расидани соли нави хуршедӣ ва навбаҳори зебову хуҷастапай мужда мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз пайки шодмонӣ ва шодкомӣ рамзи офариниши ҷаҳон, осмону ситорагон, гулу гиёҳ ва муҳимтар аз ҳама мавҷудияти инсон буда, ба зиндагӣ оғози нав ва накҳати тоза мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар гузашта тоҷикон ба ҷашни Наврӯз даҳ рӯз пештар омодагӣ медиданд ва Рӯзи навро бо шодию фараҳ дар хонаҳою наврӯзгоҳҳо пешвоз мегирифтанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳоло низ бо фаро расидани фасли баҳор ҳар як хонадони кишвари мо иди Наврӯзро бо расму оинҳои суннатии аҷдодӣ истиқбол мегиранд ва азизу гиромӣ медоранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Маросими таҷлили ҷашни Наврӯзи Аҷам шукӯҳу ҷалоли оини наврӯзӣ, посдории ганҷинаи пурарзиши фарҳангӣ ва сароғози моҳи фарвардинро боз ҳам афзун менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷашни Наврӯзро ба тамоми мардуми Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишварамон иқболи нек, рӯзгори осуда ва файзу баракати наврӯзӣ таманно дорам!

Эмомалӣ Раҳмон

Миллати куҳанбунёд ва фарҳангсолори тоҷик Наврӯзро ҳанӯз аз замони давлатдории Ҷамшед истиқбол намуда, бо вуҷуди нобарориҳо ва истилои фоҷиабору харобкоронаи аҷнабиён дар ҳама давру замонҳо бо ифтихори беандоза ва шукӯҳу ҷалол ҷашн мегирифт.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз дар замони Пешдодиён, Каёниён, Сосониён ва Сомониён мақоми умумимиллӣ касб карда, бо арзишҳои волояш ба муттаҳидсозии халқҳои ориёинажод ва устувор намудани пояҳои давлатдории ниёгонамон мусоидат намудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми мо дар айёми Наврӯз бо меҳру шафқат ба якдигар оғӯш мекушоянд, беморону пиронро аёдат менамоянд, ба ятимону бепарасторон кумак мерасонанд ва амалҳои неку писандидаро вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии хеш мешуморанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав, қосиди баҳор, мабдаи ҳаёт, эҳёи табиат ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳо мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бигузор ҷашни Наврӯзи ҷаҳонафрӯз ба ҳар кадоми шумо тандурустиву хушбахтӣ, рӯзгори ободу осуда, иқболи неку толеи баланд ва дастурхони пурфайзу баракат ато намояд.

Эмомалӣ Раҳмон

**Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Наврӯз, 22.03.2007, шаҳри Турсунзода**

Наврӯз аз замони пайдоиш то имрӯз, саршори зебоию накуӣ буда, бузург доштани инсону табиат ва сифатҳои эҳёгарӣ ҷузъи ҷудонапазири он будааст. Бинобар ин, фасли баҳорро арӯси сол ва Наврӯзро зебу ҷалоли он номидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аҷдоди мо дар Наврӯз нахуст оташ меафрӯхтанд, зеро он нишонаи ҳаёт ва рамзи офтоби оламафрӯз аст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ниёгони мо Наврӯзро ҳамчун муждаи аввалин баҳори хуҷастапай, эҳёи табиат, бедоршавии замин ва оғози киштукор истиқбол мегирифтанд ва гиромӣ медоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз, пеш аз ҳама, шуълаи меҳру муҳаббатро дар дил мепарварад ва ғубори кинаву кудуратро аз байн мебарад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ёди гузаштагон, эҳтироми бузургсолон, авфи гуноҳ, тозаву озода кардани хона ва ашёи рӯзгор, ободонӣ, пошидани тухми умед ба замин, шинондани ниҳол, хайру саховат аз ҷумлаи анъанаҳои неки Наврӯз мебошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз на танҳо ҷашни баҳор, балки тарғибгари беҳтарин суннатҳои воло, фарҳанги барҷастаи инсонӣ ва саршори ормонҳои наҷиби башардӯстӣ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ҷашни Наврӯз, 21.03.2007, шаҳри Душанбе**

Ҷашни Наврӯз яке аз қадимтарин ва муқаддастарин ойинҳои ниёгони мо аст, ки бо фарорасиаш аз омадани фасли зебои баҳор ва оғози Соли нави аҷдодӣ мужда мерасонад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз рамзи офариниши ҳаёт, эҳёи табиат ва оғози тозаи зиндагӣ буда, ҳамзамон чун суннати қадимаи ниёгони ориёии мо маънои пирӯзии нур бар зулмат ва тантанаи некӣ бар бадиро ифода мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Бо омадани Наврӯз ҳар як хонадони кишвари мо аз шодиву фараҳ лабрез мегардад ва паёми сабзи ошноӣ хурду калонро дар наврӯзгоҳҳои идона сарҷамъ месозад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тамоми мардуми Тоҷикистонро бо фарорасии Наврӯз самимона табрик гуфта, бахту саодат, хонаи обод, зиндагии осуда ва сарсабзию комёбиҳо орзу менамоям.

Эмомалӣ Раҳмон

Асолати иҷтимоию ахлоқии Наврӯз хеле бузург буда, нишонаи пешрафти тафаккури созандаву бунёдкоронаи халқ мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳост.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикистон сарзамини хуршедӣ ва як гӯшаи биҳишти рӯйи замин аст, ки бо қадами муборaки Наврӯз табиат ба гулистон табдил ёфта, бо ҷомаи сабзи худ ба мо зиндагии хуш ва нуру сафоро ҳадя меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

Рамзи нахустини ойини Наврӯз нур ва равшании офтоб буда, аз дурахши он гулбаргҳои лола шукуфон мегардад ва мардуми мо низ онро иди "Гули сурх" меноманд.

Эмомалӣ Раҳмон

Тоҷикон аз қадим ҳамчун мардуми хирадпешаву фарҳангофарин шуҳрат пайдо кардаанд. Боиси ифтихор аст, ки расму ойини наврӯзӣ низ бо мурури замон аз ҷониби мардуми сарзаминҳои ҳамсоя эътироф ва пазируфта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

**Суханронии табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Наврӯз, 21.03.2006, шаҳри Душанбе**

Наврӯз, ки як ҷашни хеле табиист, на танҳо ба дили мардумони ориёӣ, балки ба қалби халқу миллатҳои дигар ҳам ба таври ҷовидонӣ маъво гирифтааст. Ин яке аз далелҳои равшани нақши тамаддунсози миллати куҳанбунёд ва фарҳангии мост.

Эмомалӣ Раҳмон

Анъанаҳои неки Наврӯзӣ тайи чандин ҳазор сол аз имтиҳонҳои таърих гузаштаанд ва ҳамчунон пуршукӯҳу шоиста ва нек то ба даврони мо омада расидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Миллати тоҷик ҷашни Наврӯзро асрҳои аср ба монанди забони модарии худ неку нигаҳ дошт.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми мо чун суннати нек ба истиқболи Наврӯз манзилу кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро тозаву обод мекунанд, зеро файзу баракат дар ҷое мерезаду мемонад, ки покизагӣ ва ободӣ бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз қадим расм шудааст, ки адибон, ровиён, паҳлавонон ва ҳунармандону пазандаҳо ҳунари худро дар сайргоҳон ва озмунҳои наврӯзӣ намоиш медиҳанд, зеро пирӯзӣ дар ҷашни Наврӯз ифтихори бузург ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардум дар айёми Наврӯз кинаҳоро аз дилҳо берун месозанд, то ҷойи онҳоро шафқату меҳрубонӣ бигиранд, ба дармондагону нодорон дасти ёрӣ дароз мекунанд, то дар ғаму андӯҳ набошанд ва Наврӯзро ба хурсандӣ истиқбол намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Ин иди некиву покизагӣ аз рӯйи эътиқоди ниёгон ба дастархони ҳар хонадон файзу баракат оварда, ризқу рӯзии пиру барноро меафзояд ва ба кишоварзон кушоиши кору ҳосили фаровон мебахшад.

Эмомалӣ Раҳмон

Мардуми мо Наврӯзро дар давоми асрҳои дароз чун муждаи эҳёи табиат, бедории замин ва коштани нахустин донаҳои умед ба он азизу гиромӣ медоранд ва онро бо нияти хайру орзуҳои нек ва нақшаҳои ободгарию созандагӣ ҷашн мегиранд.

Эмомалӣ Раҳмон

Умед дорем, ки Наврӯз низ бо қадами муборакии худ ба мардуми куҳанбунёд, бофарҳанг ва заҳматдӯсти тоҷик дар роҳи талошҳои созандаву бунёдкорӣ ва марҳалаи ободонии кишвари соҳибистиқлол ва миллати тамаддунсозамон муждаҳои тоза меорад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати фаворасии Наврӯз, 20.03.2003, шаҳри Душанбе**

Наврӯз яке аз маҳбубтарин ҷашнҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик буда, ҳамчун рамзи офариниши ҳаёт, оғози тозаи зиндагӣ аз замонҳои хеле қадим то ба имрӯз расидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳанӯз дар айёми сулолаи Пешдодиён, ки донишмандон ибтидои ба майдони таърих воридшавии онҳоро ба ҳазорсолаи панҷуми пеш аз милод нисбат медиҳанд, Наврӯзи Аҷам ҷашн гирифта мешуд.

Эмомалӣ Раҳмон

Сулолаҳои дигари ниёгони мо: Каёниён, Ашкониён, Кӯшониён, Ҳайтолиён, Сосониён, Сомониён Наврӯзро на танҳо ботантана таҷлил мекарданд, балки ба он тадриҷан арзишҳои нав ворид менамуданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аҳамияти иҷтимоию ахлоқӣ ва фарҳангию маънавии Наврӯз хеле бузург аст. Онро танҳо воситаи фароғату истироҳат ё худ шодиву сурур пиндоштан раво нест.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз нишонаи пешрафти тафаккури созандаву бунёдкоронаи халқ, мизони ҳаракати сайёраҳо, воруди соли нави мардуми ориёинажод мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ҳамаи давру замон фарорасии Наврӯзро ҳамчун эҳёи нуру зиё ва файзу баракат бесаброна интизорӣ мекашиданд.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар айёми Наврӯз кинаю адоватро аз худ дур кардану бахшидани гуноҳи якдигар, кушодани оғӯши дӯстию рафоқат ба фарзу суннати ҳамешагии мардум табдил ёфтааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Дар ҷашни Наврӯз ба дидори пирону барҷомондагон расидану гирифтани дуои хайри онҳо, обод кардани харобаю вайронаҳо, ки шиори ҳаррӯзаи зиндагии ниёгонамон буданд, дар айёми мо аҳамияти хос пайдо кардаанд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бузургтарин ҳикмати гузаштагони некноми мо «Гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек» мебошад, ки имрӯз ҳам дастури амали ҳар фарди ватандору бофарҳанг ва баору номуси тоҷик бояд бошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Навруз дар сиришти ҳар шахс ахлоқи ҳамидаю меҳру садоқат ва покизагии рафтору кирдор мепарварад, дар баробари ободиву файзу баракати ҳар хонавода ба пешрафту нерумандии кишвар мусоидат менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз ҳамчун ҷашни эҳёи табиат на танҳо рафтору гуфтор ва пиндори нек, балки покизагии муҳити зист ва истифодаи оқилонаи обу заминро талқин мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон

Наврӯз сарчашмаи гаронбаҳои маънавӣ ва воситаи муҳими сарҷамъ намудани ҳамаи сокинони кишвар, ҳидоятгари аҳли ҷомеа ба сӯйи зиндагии орому осуда ва пурфайзу бобарор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

**Табрикоти телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати иди Наврӯз, 20.03.2000, шаҳри Душанбе**